Сафорати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. И. Сомонӣ, 109 «А»
Телефон: (992 37) 229-20-00
Факс: (992 37) 229-20-50
http://dushanbe.usembassy.gov

КОРДОРИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ПЕШРАФТИ ИСЛОҲОТИ ЗАМИНРО МУҲОКИМА МЕКУНАД

Душанбе, Тоҷикистон, 4 сентябри соли 2009. Кордори ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонуми Ниша Квост ва муовини Сарвазири кишвар Муродалӣ Алимардон дастовардҳои охиринро дар соҳаи дигаргунсозии қонунгузорӣ оид ба замин дар конфронси ҷамъбастии Лоиҳаи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналхалқӣ (USAID) оид ба ислоҳоти замин ва рушди бозор II муҳокима намуданд. Ҳукумати ИМА аз соли 2003 шарики фаъоли Ҳукумати Тоҷикистон дар фаъолияти таҳкими қонунгузории оид ба замин ва сиёсати замин бо мақсади баланд бардоштани сатҳи амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон мебошад.

USAID дар чаҳорчӯбаи ЛИЗРБ II барои ҳалли масъалҳои марбут ба замин бо роҳи пешниҳоди кӯмак дар таҳияи лоиҳаҳои қонунгузорӣ ва дастгирии сиёсати замин, кӯмаки ҳуқуқӣ ва омӯзиши деҳқонон (фермерон) саҳм гузошт. Лоиҳа ба таҳияи Стратегияи рушди бозори замин, ки қисми асосии ислоҳоти замин дар Тоҷикистон ба шумор меравад, кӯмак намуд. ЛИЗРБ II бо Гурӯҳи корӣ оид ба қонунгузории замин дар матраҳсозии лоиҳаи тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда ба Кодекси замин мусоидат кард, ки он дар таърихи Тоҷикистони имрӯза хусусӣ будани ҳуқуқи ифодабарандагони заминро таъмин менамояд. Илова ба ин, тағйиру иловаҳо таҳвили ҳуқуқи заминистифодабарандаро дар байни шахсони хусусӣ бе дахолати ҳукуматҳои маҳаллӣ имконият медиҳанд. Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод намудани тағйиру иловаҳои мазкурро барои баррасӣ дар ҷаласаи тирамоҳии Парлумон ба нақша гирифтааст.

Хонуми Квост қайд намуд, ки ислоҳоти қонунгузорӣ «ҳаётан муҳим аст, агар мо хоҳем, ки ба деҳқонон дар парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, оиди интихоби миқдор, намуди зироат, ва харидорон бе мувофиқа ва дахолати мақомоти давлатӣ озодиро кафолат диҳем. Ин озодӣ ҳуқуқи ҳар як деҳқон (фермер) аст ва инчунин қадами устувор дар самти рушд ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад».

USAID ба воситаи шабакаи Марказҳои дастгирии ҳуқуқии минтақавӣ, ки шумораашон шашто буда аз тарафи ЛИЗРБ II дастгирӣ мешаванд, ба деҳқонон (фермерон)